**Суратҷаласаи №4.2.**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 08 июли соли 2022

**Иштирок доштанд:** Аз 15 нафар ҳайати Шурои диссертатсионӣ, 13 нафар иштирок доштанд. Аз ҷумла, 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм, дотсент оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода шавад.

Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:** Гузориши раиси Шурои диссертатсионӣ Мирализода А.М., ва раиси комиссияи экспертӣ Ҷумъахон Алимӣ (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**БАРОМАД КАРДАНД:** д.и.ф., профессор Қурбонов А.Ш., ҷиҳати тағйирот ворид сохтан дар номи рисолаи баррасишаванда. Номбурда пешниҳод намуд, ки дар номи мавзуъ ба ҷойи ибораи факултети химия ва биология минбаъд ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия) навишта шавад.

Сипас профессорон Ҷумъахон Алимӣ, Мирзоев С.С. ва Холназаров С. баромад намуда, пешниҳоди болоро дастгирӣ намуданд.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Дар асоси тавсияи комиссияи экспертӣ, пешниҳоди д.и.ф., профессор Қурбонов А.Ш. ва ризоияти унвонҷӯ Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич мавзуи рисолаи номзадии номбурда «Шароити рушди педагогии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни факултети химия ва биология (дар мисоли омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ) минбаъд: “Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии

донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)" **номгузорӣ** карда шавад

2. Диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи "Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, барои **ҳимоя иҷозат** дода шавад.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **ба сифати муқарризони расмӣ: Нугмунов Мансур** – узви вобастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Набиев Ҷурабек Ғаниевич** мудири кафедраи педагогика ва таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои педагогӣ таъйин карда шаванд.

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

5. Рӯзи ҳимоя 30-юми сентябри соли 2022, соати 11:30 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002
дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор: Мирализода А.М.

Котиби илмии Шурои
Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

08.07.2022